Маҳбуба Неъматзода

# Гиря кунам ё ки на?






КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА
БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

УП «Санадзор»

Маҳбуба Неъматзода

# Гиря кунам ё ки на?



13118

ТҒД «Истиқбол», 2006с



# Гиря кунам, ё ки на?

Пешпо хӯрда ба санг,
Дар роҳ афтидам.
Нигоҳ кардам ба атроф,
Касе надидам.
Э, куҷо рафта бошад
Падарҷони ман?
Кай аз кораш меояд
Модарҷони ман?
Ҳатто, наменамояд
Хоҳарам Тобон!
Гиря кунам, ё ки не,
Мондаам ҳайрон.

# ТАНБАЛ

Танбалаки ҳарзае,
Рафт сари марзае.
Рӯйи алаф ғел зад,
Ҳарфи аҷаб хел зад.
-Ғел занам аз нахуст,
Бел занам пас дуруст.
Гуфт ҳамин, ё нагуфт,
Хоби хушаш бурду хуфт.
Дида чунин ғели ӯ,
Гуфт ба худ бели ӯ:
-Во, аҷаб! Ин - белзан?
Ё ки ҳамин - ғелзан?
Нарм накарда замин,
Шарм накарда аз ин,
Ғел занад аз чӣ рӯ?
Бел занад бояд ӯ!...
Танбалаки бедаво,
Кард яке дида во,
Дид, ки рӯзаш - тамом!
Субҳи хушаш - вақти шом!
Вой, ба ин танбалӣ!
Э, бале, танбал, бале!





# МАНЗАРА

Дар байни сабзазорон
Се дона лола рӯйид,
Бузғола тозон омад,
Онҳоро диду... бӯйид.

Маймун бачаҷонашро
Кард ба пушташ савор,
Пар мехоҳад кушодан
Чӯҷаи мурғи чипор.

Хирсаке аз панҷара
Каллаи худ бурун кард,
Аммо надонад, чӣ сон
Онро бояд дарун кард.

Харгӯшак инро дида,
Ханда занад қоҳ-қоҳ,
Ғелида рӯи сабза
Кулчача меравад роҳ.

Хоҳад давидан оҳу,
Вой, варо пой нест.
Пойи варо чун кашам?
Дар варақам ҷой нест...



# ГУРБАЧАИ МАН

Дорам ман як гурбача,
Сафедаки баодоб,
Дар болои кати нарм
Ҳамроҳам мекунад хоб.

Дар бағалам то саҳар
Хур-хури хур мекунад,
Зиқ бошам, аз дили ман
Ғамамро дур мекунад.

Муш ӯро бинад аз дур,
Дир-дири дир меларзад,
Ин хел гурба ҳар бегоҳ
Палав хӯрад, меарзад!



# ТАРОНАИ МАШҲУР



Заррофа афсона гуфт,
Заррофача даррав хуфт.
Очаи зоғ алла хонд.
Бачаякашро хобонд.
Сагча баъди давутоз
Рафт ба хобаки ноз.
Танҳо дар ин шаби тор
Қурбоқаест бедор,
Ишкамчааш ҳай таранг,
Саҳначааш рӯйи санг.
Бе ғижжаку бе танбӯр
Месарояд:
-Қурр-у-қурр!...
Таронаи «Қурр-у-қурр»
Дар беша ҳаст машҳур.
Зеро ки ин тарона,
Таронаи ягона,
Аз бобои қурбоқа,
Аз момои қурбоқа
То ин замона мондаст,
Ба ӯ нишона мондаст.



# КОНСЕРТ

Доиразан - Нигора,
Саҳна - лаби ҷӯйбор.
Так-таки шохи чанор,
Тамошобин шуд қатор.
Дар дастакам зангӯла,
Дар сарам - чамбари гул,
Камзӯли махмал - ба сар,
Пӯпакчаҳо - дар кокул.
Рақсидаму рақсидам,
Покӯбону сарҷунбон,
Гирдоб гашта гоҳе,
Гоҳе кабки хиромон.
Афсӯс, ки монда шуд
Дастакони Нигора,
Охир, ҷои дойира
Менавохт ӯ тағора…



# ТОҚАХӮР

Ҳарфе нагуфта Салмо
Бигзашт аз бари мо?
Ранҷида бошад аз мо?
Бад дида бошад аз мо?
Бегоҳӣ, баъди бозӣ,
Аз мо бирафт розӣ.
Бо вай чӣ ин саҳар шуд?
Авзои вай дигар шуд?
Нотоб гашта бошад?
Бехоб гашта бошад?
Ман аз паяш давидам,
Наздики ӯ расидам,
Бинам, дугонаи мо
Дар пушти хонаи мо,
Писта шикаста мехӯрд,
Танҳо нишаста мехӯрд...



# Боронаки баҳорӣ

Шибир-шибир меборӣ,
Аз бому дар мешорӣ,
Бо қатраҳои нармат
Ба ман чунон мефорӣ!

Ваҳ, чӣ хуш тоза шустӣ
Раҳраву дару девор,
Рӯи гулу дарахтон
Тоза кардӣ аз ғубор.

Шишаҳои тиреза
Шуд пурҷилою рахшон.
Рӯи ҳавлӣ - озода,
Наёбӣ гарде дар он.

Боронаки баҳорӣ,
Зуд-зуд бибор, илтимос,
Аз рӯбучини ҳавлӣ
То бишавам ман халос.



13118

# КИШТИЧА

Шино кун, шино
Киштичаи ман!
Рӯ-рӯи дарё,
Киштичаи ман!

Мову ту рафта,
Ба ҷоҳои дур,
Саёҳат кунем,
Саёҳати зӯр!

Аввал бубинем
Мо шаҳри Тошканд,
Сонӣ - Бухоро,
Сонӣ - Самарқанд!

Киштичаи ман,
Чӣ гап шуд туро?
Шавад кам чаро
Обаки дарё?

Беҳуда набуд
Дилакам хиҷил:
Сӯрохӣ доштаст
Дар тагаш сатил!...




**Махбуба НЕЪМАТЗОДА**
**«Гиря кунам ё, кӣ на?»**
(шеърҳо барои кӯдакон)

ш. Душанбе, 2006с. ТҒД «Истиқбол»
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16

Муассис ва мушовир: *Латофат КЕНҶАЕВА*
Муҳаррир: *Ҷӯра ҲОШИМӢ*
Мусаввир: *Римма ПОЛУХИНА*
Мусаҳҳеҳ: *Ганҷина МУЛЛОҶОНОВА*
Тарроҳ: *Комрони РАҲМОНЗОД*

*Ба чоп супорида шуд 10/XII/2006с. Имзо шуд 15/XII/2006с.*
*Андозаи 60x84 1/8. Теъдод 2500. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,0.*
*Интишороти «Mega» (Туркиё)*